# Бо мақсади риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ ва муассисаҳои таълимии ноҳия суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуд

Submitted by Ҳайати тадорукот on 23 May, 2025 - 21:50
[1]

Дар вохурӣ бандҳои «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ва “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ” шарҳ дода шуд.
Роҳбари гурӯҳи корӣ сардори шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи забон ва

истилоҳот Эраҷ Сафарзода наврасону ҷавононро барои арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон даъват карда, иброз намуд, ки забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки оинаи таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии мост.
Иброз гардид, ки қабул ва тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз таваҷҷуҳи хоссаи роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ далолат мекунад. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

**Content rating:** Select rating
No votes yet

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

- 

**Source URL:**http://istilohot.tj/en/node/7134?mini=2025-02

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/499964871_122157029768462396_2737418936683564019_n.jpg [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/500275459_122157029858462396_8044398994404636610_n.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/499964871_122157029768462396_2737418936683564019_n.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/500279847_122157029810462396_1571116828747901146_n.jpg